# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот»**

Мубрамии мавзуи таҳқиқотии диссертатсионӣ дар он таҷассум меёбад, ки то ба ҳол, мавзуи марбут ба технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватанӣ ҳамчун мавзуи мустақил ва ба таври мукаммал мавриди пажӯҳиш қарор дода нашудааст. Аз ин рӯ, муайян кардани маҷмуи технологияҳои муосири педагогӣ, дар рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ мусоидат мекунад, барои такмили низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти бузург дорад.

Таҳқиқоти анҷомёфта метавонад дар мукаммал сохтани масъалаи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон нақш бозида, имкон фароҳам оварад, ки дар амалияи таълим усулҳои самарабахш ва технологияҳои муосири педагогӣ барои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон татбиқи худро ёбанд.

Унвонҷӯ Мисрализода Ф. Н. хеле бамаврид таъкид мекунад, ки барои таъмини рушди устувори давлат ва самаранокии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар бояд роҳи ҳалли дурусти масъалаи рушди салоҳиятҳои асосӣ ва рақамии хонандагон бо дарназардошти талаботи замони муосир пайдо ва ҳаллу фасл карда шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯ ва тавсияҳои методие, ки аз ҷониби ӯ ироа гардидаанд, имконият медиҳанд, ки талаботи барнома оид ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон иҷро карда шаванд; роҳу усул ва технологияҳои таҳқиқшудаю пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълими муасисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии мавриди истифода қарор гиранд.

Амсилаи педагогии аз ҷониби унвонҷӯ таҳияшуда ва мавриди озмоиш қарорёфта – амсилаи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз воситаҳои рақамӣ – аз нуқтаи назари амалӣ, методӣ, илмию таҳқиқотӣ ва стратегӣ муҳим ба назар мерасад ва метавонад ҳамчун заминаи

мустаҳкам барои таҳияи минбаъдаи методикаи таълими фанҳои гуногун хизмат кунад ва ба омӯзгорон ҳангоми дар амал татбиқ намудани равишҳои муосири таълимӣ кумак расонад.

Истифодаи равиши салоҳиятмеҳвар дар таълим шароити мусоидро барои рушди малакаҳои таҳлиливу рақамӣ ва қобилияти иттилоотӣ-коммуникатсионии хонандагон фароҳам меорад, ки ин ба омодагии онҳо барои зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат мекунад.

Рисолаи илмии Мисрализода Ф. Н. дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ буда, муаллифи он Мисрализода Фирӯза Назримад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» мебошад

Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ, сардори идораи корҳои илмӣ-татбиқотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**НАЗАРЗОДА Рустам Саидмурод**

*шаҳри Душанбе,*
*3-юми феврали соли 2026*

**Маълумот барои тамос:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: Rustam_N@hotmail.com

*«Имзои Назарзода Р.С.-ро тасдиқ мекунам»*

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Абдуназаров А.Ҷ.